# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи: «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (ш. Душанбе, 2026 сол)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» аз рӯйи мазмун, самт, мақсад ва масъалаҳои таҳқиқшаванда ба шиносномаи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат менамояд. Дар кори илмӣ масъалаҳои марбут ба табиати ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ, ҷойгоҳи он дар низоми вазифаҳои конститутсионӣ, робитаи ҳуқуқу уҳдадориҳои шахс, рушди таърихии институтҳои ҳарбӣ ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои мудофиавӣ таҳлил гардидаанд.

Хусусияти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии мавзуъ дар он ифода меёбад, ки диссертант уҳдадории ҳарбиро танҳо ҳамчун падидаи соҳавии қонунгузории ҳарбӣ баррасӣ накарда, балки онро дар заминаи рушди давлатдорӣ, мақоми ҳуқуқии шахс, таърихи вазифаҳои шаҳрвандӣ ва талаботи таъмини амнияти миллӣ арзёбӣ менамояд. Чунин доираи масъалагузорӣ ба самти илмии назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат мутобиқ буда, интихоби ихтисоси зикршударо асоснок месозад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамии мавзуи диссертатсия аз зарурати таҳқиқи яке аз институтҳои муҳимми ҳуқуқӣ ва давлатдорӣ – уҳдадории ҳарбӣ бармеояд. Дар ҳар давлате, ки истиқлолият, амният,

тамомияти арзӣ ва суботи конститутсионӣ арзишҳои меҳварӣ ба шумор меравaнд, масъалаи иҷрои уҳдадории ҳарбӣ на танҳо ҷанбаи ташкилию ҳарбӣ, балки аҳаммияти назариявӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дорад.

Дар шароити муосир муносибати байни шахс ва давлат дар соҳаи мудофиа мазмуни нав пайдо кардааст. Аз як тараф, давлат барои таъмини амният ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ ба иштироки шаҳрвандон ниёз дорад ва аз тарафи дигар, ҳар гуна даъват, бақайдгирӣ, омодасозӣ ва адои хизмати ҳарбӣ бояд дар доираи қонун, бо эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва бо кафолатҳои зарурии ҳуқуқӣ амалӣ карда шавад. Маҳз ҳамин тавозуни байни манфиатҳои давлат ва ҳуқуқҳои шахс таҳқиқи уҳдадории ҳарбиро мубрам мегардонад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мавзуъ дорои аҳаммияти хос аст. Давлати соҳибистиқлол аз солҳои аввали истиқлолият ба ташкили Қувваҳои Мусаллаҳ ва таҳкими иқтидори мудофиавӣ рӯ оварда, минбаъд низоми ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбиро пайваста такмил додааст. Қабули қонунгузории нав, ҷорӣ шудани шаклҳои гуногуни иҷрои уҳдадории ҳарбӣ, рушди бақайдгирии ҳарбӣ, зарурати шаффофияти даъват ва ҳифзи ҳуқуқҳои даъватшавандагон масъалаҳое мебошанд, ки бе таҳлили илмӣ ҳалли мукаммал пайдо карда наметавонанд.

Мубрамият, инчунин бо он тақвият меёбад, ки дар ҳуқуқшиносии ватанӣ масъалаи уҳдадории ҳарбӣ ҳамчун объекти мустақили таҳқиқоти монографӣ то ҳол ба қадри зарурӣ омӯхта нашудааст. Дар адабиёти илмӣ бештар ҷанбаҳои алоҳидаи хизмати ҳарбӣ, амнияти миллӣ, тарбияи ватандӯстӣ ё ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Аммо таҳқиқи уҳдадории ҳарбӣ ҳамчун падидаи комплексии назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ имконият медиҳад, ки мазмун, сарчашмаҳо,

принсипҳо ва самтҳои такмили он дар низоми ҳуқуқии миллӣ амиқтар муайян карда шаванд.

Аз ин лиҳоз, диссертатсияи Муминзода М.Н. саривақтӣ буда, барои рушди назарияи давлат ва ҳуқуқ ва барои такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи уҳдадории ҳарбӣ аҳаммияти назаррас дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки муаллиф уҳдадории ҳарбиро ҳамчун институти мустақили ҳуқуқӣ ва таърихӣ мавриди таҳқиқи низомнок қарор додааст. Дар таҳқиқот ин падида на танҳо ҳамчун маҷмуи меъёрҳои қонунгузории ҳарбӣ, балки ҳамчун унсури мақоми ҳуқуқии шаҳрванд, воситаи таъмини амнияти миллӣ ва шакли махсуси муносибати ҳуқуқии байни шахс ва давлат арзёбӣ мегардад.

Дар диссертатсия масъалаи таносуби уҳдадории ҳарбӣ бо дигар вазифаҳои конститутсионии шаҳрванд таҳлил гардида, нишон дода шудааст, ки уҳдадории ҳарбӣ аз ҷиҳати мазмун ва оқибатҳои ҳуқуқӣ дорои хусусияти махсус мебошад. Ин мавқеъ барои равшан намудани табиати ҳуқуқии уҳдадориҳои шаҳрвандӣ ва муайян намудани ҳудуди амалишавии онҳо аҳаммияти назариявӣ дорад.

Ҷанбаи дигари навгонии илмӣ дар таҳлили таърихии рушди уҳдадории ҳарбӣ зоҳир мегардад. Муаллиф масъалаи мазкурро аз заминаҳои қадимӣ, анъанаҳои зардуштӣ ва исломӣ, таҷрибаи давлатдориҳои миллӣ, давраи шӯравӣ ва давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон пайгирӣ намуда, нишон медиҳад, ки вазифаи мудофиавӣ дар ҳар марҳила ба талаботи сохтори иҷтимоӣ, давлатдорӣ ва арзишҳои ҳукмрон мутобиқ мегардид.

Дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда модели назариявӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ, ҷойгоҳи он дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ, хусусияти таърихӣ-ҳуқуқии ин падида, зарурати мутобиқ намудани низоми уҳдадории ҳарбӣ ба талаботи амният ва ҳуқуқи инсон, инчунин нақши ватандӯстӣ дар иҷрои ин уҳдадорӣ асоснок карда шудаанд. Нуқтаҳои мазкур бо мазмуни бобҳо ва хулосаҳои диссертатсия алоқаманд буда, дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳои диссертатсия бо заминаи васеи назариявӣ, ҳуқуқӣ ва таърихӣ таъмин гардидааст. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи мудофиа, уҳдадории ҳарбӣ, хизмати ҳарбӣ, амният ва тарбияи ватандӯстӣ, инчунин ба санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ такя намудааст.

Методологияи таҳқиқот низ ба хусусияти мавзуъ мутобиқ мебошад. Истифодаи усулҳои таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, усули таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таҳлилӣ-тавсифӣ ва фактологӣ-оморӣ ба муаллиф имконият додааст, ки уҳдадории ҳарбиро дар робита бо ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ баррасӣ намояд.

Хулосаҳои илмии пешниҳодшуда аз таҳлили пайдарпайи бобҳо бармеоянд. Муаллиф дар оғоз асосҳои назариявӣ ва мафҳумии уҳдадории ҳарбиро муайян намуда, сипас ташаккули таърихии онро таҳлил мекунад ва дар идома ба ҷанбаҳои амалии даъват, бақайдгирӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва таҷрибаи муқоисавӣ мегузарад. Чунин пайдарпайӣ робитаи дохилии таҳқиқотро таъмин менамояд.

Тавсияҳои амалии диссертант, аз ҷумла оид ба такмили қонунгузорӣ, ҷорӣ намудани низоми электронии бақайдгирии ҳарбӣ, истифодаи усули

интихоби тасодуфии даъватшавандагон, баланд бардоштани синни ниҳоии даъват ва тақвияти тарбияи ватандӯстӣ, ба масъалаҳои воқеии амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ равона шудаанд. Ҳарчанд баъзе аз онҳо ниёз ба таҳлили иловагии амалӣ доранд, дар маҷмуъ онҳо дорои асоси илмӣ ва аҳаммияти ҳуқуқӣ мебошанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтор ва ҳаҷми диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии он 181 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи илмии масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмет, доираи таърихӣ, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаи эмпирикӣ, навгонии илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалӣ ва тасвиби натиҷаҳо баён гардидаанд. Қисмати муқаддимавӣ ба талаботи корҳои диссертатсионии сатҳи номзадӣ мутобиқ буда, самти умумии таҳқиқро равшан месозад.

**Боби якуми диссертатсия.** Боби якум – «Принсипҳо ва асосҳои ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ ва хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба таҳлили масъалаҳои назариявӣ, мафҳумӣ ва таърихии уҳдадории ҳарбӣ равона шудааст. Дар ин боб муаллиф кӯшиш менамояд, ки уҳдадории ҳарбиро ҳамчун падидаи дорои мазмуни ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва арзишӣ нишон диҳад.

Дар зербоби якум принсипҳои ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ ва хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шудаанд.

Муаллиф масъалаи уҳдадории ҳарбиро дар робита бо ҳифзи Ватан, таъмини амнияти давлат, вазифаҳои конститутсионии шаҳрванд ва мақоми ҳуқуқии шахс баррасӣ менамояд.

Зикр мегардад, ки уҳдадориҳо муносибатҳои гуногуни ҷамъиятиро дахл менамоянд, ки ба сифати субъекти онҳо инсон баромад мекунад. Вақте давлат ба инсон ҳуқуқу озодиҳои муайянеро пешниҳод мекунад, дар баробари он ба уҳдадориҳоро низ во мегузорад. Давлат ва ҷамъият он вақт ба таври самаранок фаъолият карда метавонанд, ки дар он тавозуни дурусти ҳуқуқу уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд ҷой дошта бошад (саҳ.27).

Муаллиф ба масъалаи номуайянии сарҳади мафҳумҳои хизмати ҳарбӣ ва уҳдадории ҳарбӣ ишора намуда, иброз менамояд, ки хизмати ҳарбӣ ба низоми хизмати давлатӣ дохил мешавад; дар асоси розигии шахс ба роҳ монда мешавад; уҳдадории ҳарбӣ уҳдадории конститутсионии шахс буда, ба воситаи он хизматӣ ҳарбӣ адо карда мешавад (саҳ.33).

Зербоби дуюм ба ташаккули низоми ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он муаллиф рушди ин институтро дар заминаи таърихи умумии давлатдорӣ ва фарҳанги ҳуқуқии тоҷикон таҳлил менамояд. Таъкид мегардад, ки уҳдадории ҳарбӣ дар шакли муосири ҳуқуқӣ дертар ташаккул ёфта бошад ҳам, иҷрои вазифаи дифоӣ дар ҷомеаҳои қадим, анъанаҳои динӣ ва давлатдориҳои миллӣ шаклҳои гуногун доштааст.

Дар ин қисмат маводи таърихӣ оид ба давраҳои зардуштӣ, исломӣ, давлатдориҳои Сомониён, Ғуриён, давраи шӯравӣ ва соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба таҳқиқ ворид карда шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки уҳдадории ҳарбӣ дар давлатдориҳои қадим ва асримиёнагӣ дар тамоми давру замонҳо вазифаи пуршараф ҳисобида шуда, ба он гурӯҳи муайяни ашхос роҳ меёфтанд (саҳ.42).

Муаллиф ба таври асоснок дар тули таърихи халқи тоҷик давраҳои зерини рушди илми ҳарбиро ҷудо намудааст: ориёӣ (зардуштӣ), давраи Ҳахоманишиён, Сосониён, арабҳо, Сомониён, давлатҳои турк, муғулҳо, Темуриён, манғитиҳо, шуравӣ ва замони соҳибистиқлолӣ. Чунин тасниф такя ба давраҳои хукмронии сулолаҳо сурат гирифт, ки ба андешаи мо, таърихи инкишофи институти уҳдадории ҳарбиро возеҳтар инъикос менамояд (саҳ.43).

Зербоби сеюм ба ҳуқуқу озодиҳои инсон дар заминаи уҳдадории ҳарбӣ ва таъмини амният аз дидгоҳи ҳуқуқи байналмилалӣ бахшида шудааст. Дар ин қисмат муаллиф масъалаи маҳдудсозии ҳуқуқҳо ба хотири амният, ҳуқуқи рад намудани хизмати ҳарбӣ аз рӯйи виҷдон, ҳифзи кӯдакон дар муноқишаҳои мусаллаҳона ва таъсири стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсонро таҳлил менамояд. Ҷиҳати муҳимми таҳқиқ дар он аст, ки уҳдадории ҳарбӣ дар робита бо ҳуқуқи инсон ва талаботи давлати ҳуқуқбунёд баррасӣ мешавад.

**Боби дуюми диссертатсия.** Боби дуюм – «Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва амалии уҳдадории ҳарбӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бештар хусусияти амалӣ дошта, масъалаҳои татбиқи қонунгузории амалкунанда дар соҳаи уҳдадории ҳарбиро фаро мегирад. Дар ин боб муаллиф аз таҳлили назариявӣ ба масъалаҳои мушаххаси ҳуқуқтатбиқкунӣ мегузарад.

Дар зербоби якум ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва амалии даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ таҳлил гардидаанд. Муаллиф уҳдадории ҳарбиро аз рӯйи унсурҳои он – қайди ҳарбӣ, омодасозӣ ба хизмати ҳарбӣ, даъват, адои хизмати ҳарбӣ, дар эҳтиёт будан ва даъват ба ҷамъомадҳои ҳарбӣ баррасӣ менамояд. Чунин сохтор имкон медиҳад, ки уҳдадории ҳарбӣ ҳамчун раванди пайдарпай ва низомнок дарк карда шавад.

Дар боб масъалаҳои бақайдгирии ҳарбӣ, синни даъват, фаъолияти комиссияҳои даъватӣ, муоинаи тиббӣ, асосҳои озод кардан ё ба таъхир гузоштани даъват ва масъулияти шахсони мансабдор таҳлил гардидаанд. Муаллиф ба баъзе мушкилоти амалия, аз ҷумла вайрон кардани тартиби гузаронидани чорабиниҳои вобаста ба даъват, вайронкуниҳое, ки дар рафти фаъолияти комиссияҳои тиббии ҳарбӣ содир карда мешаванд, ишора месозад (саҳ.87).

Зербоби дуюм ба ҳуқуқҳои инсон дар соҳаи уҳдадории ҳарбӣ ва татбиқи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф мақоми махсуси хизматчии ҳарбӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ, масъалаи маҳдудсозии баъзе ҳуқуқҳо, кафолатҳои иҷтимоӣ, интизоми ҳарбӣ ва тартиби муроҷиатро таҳлил менамояд. Дар ин қисмат нишон дода мешавад, ки хизматчии ҳарбӣ субъекти махсуси ҳуқуқ буда, мақоми ӯ бо талаботи хоси хизмати ҳарбӣ алоқаманд аст.

Аз ҷумла нишон дода мешавад, ки шаҳрвандон дар соҳаи хизмати ҳарбӣ уҳдадориҳои мушаххас доранд, аз ҷумла, риояи фармонҳо, риояи интизом ва иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда. Онҳо ҳуқуқ ба муносибати одилона, дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсонии худро ҳангоми хизмати ҳарбӣ доранд (саҳ.99).

Боби дуюм аз ҷиҳати амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ аҳаммияти баланд дорад, зеро дар он масъалаҳои воқеии даъват, хизмат, ҳифзи ҳуқуқҳо ва такмили расмиёти маъмурӣ баррасӣ шудаанд. Хулосаҳои ин боб метавонанд дар фаъолияти мақомоти ваколатдори соҳаи мудофиа ва қонунэҷодкунӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Боби сеюми диссертатсия.** Боби сеюм – «Таҳлили муқоисавии уҳдадориҳои низомӣ ва нақши ватандӯстӣ дар иҷрои уҳдадории ҳарбӣ» ба таҳлили таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва нақши омилҳои арзишӣ дар иҷрои

уҳдадории ҳарбӣ бахшида шудааст. Ин боб натиҷаҳои бобҳои қаблиро бо таҳлили муқоисавӣ ва масъалаи тарбияи ватандӯстӣ пайваст менамояд.

Дар зербоби якум таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Исроил, Сингапур, Гурҷистон, ИМА ва баъзе давлатҳои дигар дар масъалаи уҳдадории ҳарбӣ ва даъват мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Интихоби ин давлатҳо аз он вобаста аст, ки давлатҳои мазкур дар самти даъват ба хизмати ҳарбӣ дар вазъияти бо Ҷумҳурии Тоҷикистон монанду ошно қарор доштанд, вале тавонистанд, мушкилотро ҳал намоянд (саҳ.121).

Таҳлили таҷрибаи Исроил аз он ҷиҳат муҳим арзёбӣ мешавад, ки ин давлат уҳдадории ҳарбиро бо масъалаи амнияти доимӣ, тарбияи шаҳрвандӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ пайваст намудааст. Таҷрибаи Сингапур нишон медиҳад, ки ҳатто дар шароити маҳдудияти ҷиддии захираҳои инсонӣ, иқтисодӣ ва низомӣ, давлат метавонад тавассути сафарбарсозии самараноки иқтидорҳои дохилӣ, роҳбарии қавии сиёсӣ ва банақшагирии стратегии дарозмуддат неруҳои мусаллаҳи қобили дифоъ ва ҳатто рақобатпазирро ташаккул диҳад. Ин модел, пеш аз ҳама, «ба устувории низоми сиёсӣ, мутамарказии қабули қарорҳо ва мавҷудияти элитаи сиёсие такя карда, тавонистааст ҳадафҳои амниятиро ба як қисми таркибии сиёсати давлатӣ табдил диҳад» (саҳ.128).

Дар мавриди Гурҷистон, муаллиф ба ислоҳоти қонунгузорӣ ва шаклҳои нави адои уҳдадории ҳарбӣ таваҷҷуҳ медиҳад.

Зербоби дуюм ба мафҳуми ватандӯстӣ ва нақши он дар иҷрои уҳдадории ҳарбӣ бахшида шудааст. Муаллиф ватандӯстиро ҳамчун арзиши иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ баррасӣ намуда, онро бо худшиносии миллӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, эҳтиром ба давлат ва омодагии шахс ба ҳифзи Ватан алоқаманд медонад (саҳ.130-131).

Дар ин қисмат дуруст таъкид мегардад, ватандӯстӣ, ба ухдадориҳое марбут аст, ки шахс ҳангоми хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳ ба ухда дорад. Ин метавонад вазифаҳоеро аз қабили ҳифзи кишвар аз таҳдидҳои беруна, ҳифзи сулҳу амният, нигоҳ доштани интизом ва арзишҳои ҳарбӣ дар бар гирад (саҳ.133).

Дар маҷмуъ, боби сеюм хусусияти ҷамъбастӣ дошта, барои муайян намудани дурнамои такмили низоми уҳдадории ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳим дорад. Муаллиф тавонистааст, ки масъалаҳои муқоисавӣ ва арзиширо бо хулосаҳои назариявии таҳқиқ пайваст намояд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои он ба рушди назарияи уҳдадориҳои конститутсионӣ, мақоми ҳуқуқии шахс, мафҳуми уҳдадории ҳуқуқӣ ва таҳқиқи уҳдадории ҳарбӣ ҳамчун институти мустақили ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд. Хулосаҳои илмии муаллиф метавонанд барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи ҳарбӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳанғоми такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ, рушди тартиби бақайдгирии ҳарбӣ, беҳтар намудани фаъолияти комиссияҳои даъватӣ ва таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии шаҳрвандон ба инобат гирифта шаванд.

Аҳаммияти иқтисодӣ бо истифодаи самараноки захираҳои инсонӣ, коҳиши хароҷоти маъмурӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои электронӣ дар соҳаи бақайдгирии ҳарбӣ алоқаманд мебошад. Аҳаммияти иҷтимоӣ бошад, дар баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, масъулиятшиносӣ, эътимод ба

тартиби қонунии даъват ва таҳкими фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ифода меёбад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар сатҳи зарурии илмӣ амалӣ гардида, мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар як қатор мақолаҳои илмӣ инъикоси худро ёфтаанд. Дар маҷмуъ, аз рӯйи мавзуи диссертатсия 16 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, ки аз ин шумора 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд. Мақолаҳои мазкур натиҷаҳои муҳими илмии таҳқиқотро дар бар гирифта, ҷанбаҳои гуногуни назариявӣ, таърихӣ ва амалии масъалаи уҳдадории ҳарбиро мавриди таҳлил қарор медиҳанд. Дар онҳо масъалаҳои марбут ба мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ, таҳаввулоти таърихии ин ниҳод, таҷрибаи давлатҳои гуногун дар танзими муносибатҳои вобаста ба иҷрои уҳдадории ҳарбӣ, моделҳои ҳуқуқии ташкили хизмати ҳарбӣ, принсипҳои асосии уҳдадории ҳарбӣ, заминаҳои ҳуқуқӣ ва идеологии тарбияи ватандӯстӣ, инчунин масъалаҳои марбут ба таъмини адолат ва шаффофият дар раванди даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ мавриди баррасии амиқ қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, дар як қатор мақолаҳо масъалаи интихоби тасодуфии даъватшавандагон ҳамчун яке аз механизмҳои муҳими таъмини баробарӣ ва пешгирии омилҳои коррупсионӣ таҳлил шуда, пешниҳодҳои мушаххаси назариявӣ ва амалии муаллиф ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ирӯа гардидаанд. Мазмун ва муҳтавои интишоротҳо бо сохтор ва мантиқи умумии диссертатсия мутобиқат дошта, натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии муаллифро инъикос менамоянд, ки ин аз сатҳи кофии

апробатсияи натиҷаҳои таҳқиқот ва мавриди муҳокимаи ҷомеаи илмӣ қарор гирифтани онҳо шаҳодат медиҳад.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, сохтор ва мазмуни он ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мувофиқат менамояд. Саҳми шахсии довталаб дар интихоби мавзуъ, таҳияи масъалаҳои илмӣ, асоснок намудани навгонии таҳқиқ, пешниҳод кардани хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ равшан ифода ёфтааст. Интишороти илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳо низ нишон медиҳанд, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот аз ҷониби ӯ мустақилона таҳия ва мавриди баррасии илмӣ қарор дода шудаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Сарфи назар аз он ки диссертатсия дар маҷмуъ дар сатҳи муносиби илмӣ анҷом ёфтааст, дар он баъзе камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб ҷой

доранд, ки дар ҷараёни ҳимояи диссертатсия шарҳу тавзеҳи иловагиро тақозо менамоянд:

1. Дар зербоби 1.2. муаллиф ташаккули низоми ҳуқуқии уҳдадории ҳарбиро дар Тоҷикистон бо истифода аз маводи зиёди таърихӣ баррасӣ намудааст. Аммо дар анҷоми зербоб хулосаҳои мушаххаси назариявӣ ва ҳуқуқӣ ба таври кофӣ ҷудо карда нашудаанд. Ба андешаи мо, муаллифро зарур буд, ки натиҷаҳои асосии таҳлили таърихиро равшан нишон диҳад: кадом марҳилаҳо барои ташаккули уҳдадории ҳарбӣ аҳаммияти ҳалкунанда доштанд, кадом унсурҳои таърихӣ ба низоми муосири ҳуқуқӣ таъсир расонидаанд ва ин таҳлил барои такмили қонунгузории амалкунанда чӣ аҳаммият дорад. Чунин ҷамъбаст метавонист робитаи байни таҳлили таърихӣ ва пешниҳодҳои амалии диссертатсияро боз ҳам қавитар намояд.

2. Дар зербоби 2.1. муаллиф бо истинод ба моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» унсурҳои уҳдадории ҳарбиро номбар менамояд, аз ҷумла қайди ҳарбӣ, омодасозӣ ба хизмати ҳарбӣ, даъват, адои хизмати ҳарбӣ, дар эҳтиёт будан ва даъват ба ҷамъомадҳои ҳарбӣ. Аммо, дар идомаи зербоб асосан танҳо қайди ҳарбӣ, омодасозӣ ва даъват ба хизмати ҳарбӣ таҳлил гардида, унсурҳои дигар ба таври кофӣ баррасӣ нашудаанд. Ин ҳолат мукаммалии таҳлилро то андозае коҳиш медиҳад. Ғайр аз ин, дар ҳамин зербоб муаллиф ба масъалаҳои «ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва таъминоти моддӣ» ва «ҳуқуқ ба ҳавасмандкунӣ» (саҳ.92-94) мегузарад, ки робитаи онҳо бо номи зербоб: Уҳдадории ҳарбӣ дар Тоҷикистон: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва амалии даъвати шаҳрвандон ба таври кофӣ равшан нест. Ба андешаи мо, беҳтар мебуд, ки муаллиф дар ин зербоб таҳлилро ба унсурҳои уҳдадории ҳарбӣ ва тартиби даъват маҳдуд намуда, масъалаҳои ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбиро дар

қисмати алоҳида баррасӣ мекард. Ин равиш пайдарҳамӣ ва низомнокии зербобро беҳтар таъмин менамуд.

3. Қисмати вобаста ба нақши ватандӯстӣ дар иҷрои уҳдадории ҳарбӣ аз ҷиҳати назариявӣ муҳим аст, аммо барои тақвияти аҳаммияти амалии он хуб мебуд, ки нишондиҳандаҳо, роҳҳо ва механизмҳои мушаххаси татбиқи тарбияи ватандӯстӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва сохторҳои ҳарбӣ бештар таҳлил карда мешуданд.

Бо вуҷуди он ки дар раванди таҳлили диссертатсия як қатор эродҳо, мулоҳизаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ баён гардиданд, бояд таъкид намуд, ки онҳо бештар хусусияти тавсиявӣ, такмилдиҳанда ва баҳсбарангези илмӣ дошта, ба моҳият, мазмун ва арзиши умумии таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфии ҷиддӣ намерасонанд. Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ сатҳи илмӣ-назариявӣ ва методологии рисоларо паст накарда, натиҷаҳои асосии таҳқиқот, хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллифро зери шубҳа қарор намедиҳанд. Баръакс, онҳо метавонанд ҳамчун замина барои такмили минбаъдаи баъзе ҷанбаҳои таҳқиқот ва густариши самтҳои алоҳидаи омӯзиши масъала арзёбӣ гарданд. Дар маҷмуъ, диссертатсия дорои аҳаммияти назарраси илмӣ, назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои бадастомада бо навгонии муайяни илмӣ фарқ мекунанд, барои рушди минбаъдаи донишҳои соҳавӣ саҳми арзанда мегузоранд ва метавонанд дар фаъолияти илмӣ, таълимӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Дар маҷмуъ,** диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Муаллифи он Муминзода

Маҳмадшариф Нозим сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
муовини ректор оид ба илм ва
инноватсияи Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт Аламшозода Ф.А.

**Нишонии муқарриз:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ШНТҶ, н. Рашт, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63.
Телефон: (+992) 999-333-160.
Почтаи электронӣ: farodil_ff@mail.ru

**Имзои Аламшозода Ф.А.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт Шодизода Н.М.

**Нишонии муассиса:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ШНТҶ, ноҳияи Рашт, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63.
Телефон: +992313121103,
Почтаи электронӣ: dot.rasht@mail.ru
Сомонаи расмӣ: https://dotr.tj/
«21» __05______ 2026 с.